Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «01» 06 соли 2026,
№47

аз «01» 06 соли 2026,
№66

Шаҳри Душанбе

ФАРМОИШ ҚАРОР

Дар бораи Тартиби ихтиёрдорӣ, нигоҳдорӣ, баҳодиҳӣ ва фурӯши молу мулки ба манфиати давлат мусодиракардашуда

070.010.000.
020.050.020.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 204 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш медиҳам (қарор мекунам):

1. Тартиби ихтиёрдорӣ, нигоҳдорӣ, баҳодиҳӣ ва фурӯши молу мулки ба манфиати давлат мусодиракардашуда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиш (қарор)-и мазкур барои мувофиқа ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиш (қарор)-и мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1423
«1» 07 с.2026

4. Назорати иҷрои фармоиш (қарор)-и мазкур ба зиммаи муовини вазири молия ва муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ки сарпарастони соҳавӣ мебошанд, вогузор карда шавад.

Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор

Раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Раҳимзода Султон Нурмаҳмадпур

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1423
«1» 07 с.2026

Замима
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
«1» 06 соли 2026, № 47
ва қарори раиси Кумитаи
давлатии сармоягузорӣ ва
идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
«1» 06 соли 2026, № 66

# Тартиби ихтиёрдорӣ, нигоҳдорӣ, баҳодиҳӣ ва фурӯши молу мулки ба манфиати давлат мусодиракардашуда

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби ихтиёрдорӣ, нигоҳдорӣ, баҳодиҳӣ ва фурӯши молу мулки ба манфиати давлат мусодиракардашуда (минбаъд – Тартиби мазкур) тартиби ихтиёрдорӣ, нигоҳдорӣ, баҳодиҳӣ ва фурӯши молу мулки ба манфиати давлат мусодирашударо муайян мекунад.

## 2. ИХТИЁРДОРӢ, НИГОҲДОРӢ, БАҲОДИҲӢ ВА ФУРӮШИ МЕТАЛЛҲОИ ҚИМАТБАҲО, САНГҲОИ ҚИМАТБАҲОЕ, КИ БА МАНФИАТИ ДАВЛАТ МУСОДИРА КАРДА ШУДААНД

2. Металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (минбаъд – металли қиматбаҳо), ки дар асоси санади судӣ ба манфиати давлат мусодира карда шудааст, аз ҷониби мақоми дахлдори давлатӣ тавассути мурочиати расмӣ ба Нозироти давлатии иёргирии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Нозироти давлатии иёргирӣ) пешниҳод мегарданд.

3. Металли қиматбаҳо барои супоридан ба Фонди давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Фонди давлатии Тоҷикистон) мавриди ташхис ва баҳодиҳии мутахассисони Нозироти давлатии иёргирӣ қарор дода мешавад.

4. Мутахассисони Нозироти давлатии иёргирӣ зимни ташхис сифат, ранг, вазн, арзиш ва шакли металли қиматбаҳоро муайян намуда, дар натиҷа маълумотномаи ташхисӣ омода менамоянд.

5. Металли қиматбаҳо аз тарафи шахсони масъули Нозироти давлатии иёргирӣ бо пешниҳоди санади дахлдори судӣ, варақаи иҷро, маълумотномаи ташхисӣ оид ба сифат, ранг, вазн, арзиш ва шакли онҳо барои супоридан ба Фонди давлатии Тоҷикистон ба Хазинаи сарватҳои

ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ
ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1423
«1» 07 с.20 26

давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Хазина) пешниҳод карда мешавад.

6. Дар сурати мутобиқ будани металли қиматбаҳо ба ҳуҷҷатҳои дахлдор, санад дар хусуси қабул намудани онҳо ба Фонди давлатии Тоҷикистон тартиб дода мешавад. Санади мазкур асоси ба Фонди давлатии Тоҷикистон ворид гардидани металли қиматбаҳо ба ҳисоб меравад.

7. Нозироти давлатии иёргирӣ пас аз супоридан ба Фонди давлатии Тоҷикистон ва тартиб додани санад дар хусуси супоридани металли қиматбаҳо, оид ба иҷрои санади судӣ ба мақомоти судӣ ва ё мақомоти иҷро хабарнома ирсол менамояд.

8. Нигоҳдорӣ, ихтиёрдорӣ ва фурӯши металли қиматбаҳои ба Фонди давлатии Тоҷикистон воридшуда тибқи Низомнома дар бораи фонди давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2004, №514 тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

## 3. НИГОҲДОРӢ ВА ИХТИЁРДОРИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛИЕ, КИ БА МАНФИАТИ ДАВЛАТ МУСОДИРА КАРДА ШУДААНД

9. Маблағҳои пулие, ки дар асоси санади судӣ мусодира гардидаанд, аз ҷониби мақомоти иҷро ба Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва ё филиалҳои он вобаста ба маҳалли ҷойгиршавӣ супорида мешаванд.

10. Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва ё филиалҳои он маблағҳои дар асоси санади судӣ мусодирагардидаро, ба пули миллӣ бо дар назар доштани қурби мубодила дар санаи қабули маблағ мубодила карда, на дертар аз рӯзи навбатии кории аз рӯзи мубодила намудани асъори хориҷӣ ба суратҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 20204972110101000001 интиқол менамояд ва дар ин хусус ба намояндаи мақомоти иҷро иқтибос аз амалиёти бонкӣ медиҳад.

11. Ҳангоми дар Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва ё филиалҳои он ғайриимкон будани мубодилаи асъори хориҷии мусодирашуда, он тавасути шартнома байни Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" бо дигар ташкилотҳои молиявӣ ва агентҳои онҳо, инчунин ҷиҳати дар хориҷа анҷом додани мубодилаи он ба асъори хориҷии дар муомилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда чораҷӯйӣ карда мешавад. Хароҷотҳо аз ҳисоби маблағи мубодилашуда таъмин карда мешавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ... ФЕҲРИСТИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ... ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1423
«1» 07 с.20 26

12. Дар сурати ғайриимкон гардидани мубодилаи асъори хориҷии мусодирашуда бо пули миллӣ ё муайян гардидани беарзишии он, Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва ё филиалҳои он тибқи санад онро моли беарзиш эътироф намуда, ҷиҳати несту нобуд кардан ба мақомоти иҷро бармегардонад.

13. Маблағҳои дар асоси санади судӣ мусодирагардида аз тарафи Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва ё филиалҳои он ба буҷети давлатӣ интиқолдодашуда, аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хазинадорӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатӣ" барои соли молиявии дахлдор мавриди ихтиёрдорӣ қарор дода мешаванд.

14. Маблағҳое, ки дар бонкҳо ва ё ташкилотҳои қарзӣ ҷой доранд, тибқи санади суди мусодира гардидаанд, мустақиман аз ҷониби ҳамон бонк ва ё ташкилоти қарзӣ дар рӯзи қабули санади судӣ ба суратҳисобе, ки дар банди 10 Тартиби мазкур пешбинӣ гардидааст, интиқол дода мешавад.

## 4. НИГОҲДОРӢ, ИХТИЁРДОРӢ ВА ФУРӮШИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКЕ, КИ БА МАНФИАТИ ДАВЛАТ МУСОДИРА КАРДА ШУДААНД

15. Коғазҳои қиматноке, ки ба манфиати давлат мусодира гардидаанд, аз ҷониби мақомоти иҷро ба воҳиди сохтории дахлдори мақоми ваколатдори давлатии идораи молу мулки давлатӣ супорида шуда, дар ин хусус байни мақомоти иҷро ва воҳиди сохтории дахлдори мақоми ваколатдори давлатии идораи молу мулки давлатӣ дар се нусха санади дахлдор тартиб дода мешавад.

16. Агентии қоғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсуси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ворид намудани тағйироти дахлдор дар феҳристи саҳмдорони ҷамъиятҳои саҳомӣ коғазҳои қиматноки мазкурро (ба истиснои коғазҳои қиматноки давлатӣ) ба воҳиди сохтории дахлдори мақоми ваколатдори давлатии идораи молу мулки давлатӣ манзур менамояд.

17. Нигоҳдории коғазҳои қиматноки ба манфиати давлат мусодирагардида (ба истиснои коғазҳои қиматноки давлатӣ) аз тарафи воҳиди сохтории дахлдори мақоми ваколатдори давлатии идораи молу мулки давлатӣ ба роҳ монда шуда, фурӯши онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ" ба амал бароварда мешавад. Коғазҳои қиматноки давлатии ба манфиати давлат мусодирагардида, дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдорӣ мегарданд.

ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1423
"1" 07 с.20 26

## 5. ИХТИЁРДОРӢ, НИГОҲДОРӢ, БАҲОДИҲӢ ВА ФУРӮШИ МОЛУ МУЛКИ БА МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ, КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК, МЕТАЛЛҲОИ ҚИМАТБАҲО, САНГҲОИ ҚИМАТБАҲОИ ҲАММОНАНД, КИ БА МАНФИАТИ ДАВЛАТ МУСОДИРА КАРДА ШУДААНД

18. Ихтиёрдорӣ, нигоҳдорӣ, баҳодиҳӣ ва фурӯши молу мулки ба маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ҳаммонанд аз рӯйи мансубият тибқи муқаррароти бобҳои 2, 3 ва 4 Тартиби мазкур амалӣ карда мешавад.

## 6. ИХТИЁРДОРӢ, НИГОҲДОРӢ, БАҲОДИҲӢ ВА ФУРӮШИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ, ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ, ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ, МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ, КИ БА МАНФИАТИ ДАВЛАТ МУСОДИРА КАРДА ШУДААНД

19. Молу мулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт, воситаҳои техникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, ки дар асоси санади судӣ ба манфиати давлат мусодира гардидаанд, аз ҷониби мақомоти иҷро тибқи тартиби муқаррargардидаи қонунгузорӣ ва талаботи Тартиби мазкур ба намояндаи ваколатдори мақоми ваколатдори давлатии идораи молу мулки давлатӣ дар асоси санад супорида мешаванд.

20. Агар номгӯй, миқдор ва навъи молу мулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт, воситаҳои техникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, ки дар асоси санади судӣ ба манфиати давлат мусодира гардидаанд, дар вақти супоридану қабул мутобиқат накунанд, онҳо дар асоси санади дахлдор ба мақомоти иҷро баргардонида мешаванд.

21. Нигоҳдории молу мулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт, воситаҳои техникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, ки дар асоси санади судӣ ба манфиати давлат мусодира гардидаанд, ба зиммаи намояндаи дахлдори мақоми ваколатдори давлатии идораи молу мулки давлатӣ вогузор карда мешаванд.

22. Ихтиёрдории минбаъда ва фурӯши воситаҳои нақлиётие, ки истифодабариашон то панҷ сол мебошад, инчунин молу мулки ғайриманқули ба манфиати давлат мусодирагардида, дар асоси розигии хаттии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идораи молу мулки давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

23. Ихтиёрдории минбаъда ва фурӯши воситаҳои нақлиёте, ки истифодабариашон аз панҷ сол зиёд мебошанд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идораи молу мулки давлатӣ амалӣ карда мешавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1423
«1» 07 с.2026

## 7. ИХТИЁРДОРӢ, НИГОҲДОРӢ, БАҲОДИҲӢ ВА ФУРӮШИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ, САНОАТӢ, МАВОДДИ СӮЗИШВОРИЮ РАВҒАНҲОИ МОЛИДАНӢ, КИ БА МАНФИАТИ ДАВЛАТ МУСОДИРА КАРДА ШУДААНД

24. Маҳсулоти хӯрокворӣ, саноатӣ, маводди сӯзишворию равғанҳои моличанӣ, ки дар асоси санади судӣ ба манфиати давлат мусодира гардидаанд, аз ҷониби мақомоти иҷро тибқи тартиби муқаррааргардида ба намояндаи ваколатдори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи идораи молу мулки давлатӣ супорида мешавад.

25. Нигоҳдории маҳсулоти хӯрокворӣ, саноатӣ, маводди сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, ки дар асоси санади судӣ ба манфиати давлат мусодира гардидаанд, ба зиммаи намояндаи ваколатдори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи идораи молу мулки давлатӣ вогузор карда мешаванд.

26. Агар номгӯй, микдор ва навъи молу маҳсулоти хурокворӣ, саноатӣ, маводди сузишворию равғанҳои молиданӣ, ки дар асоси санади судӣ ба манфиати давлат мусодира гардидаанд, дар вақти супоридану қабул мутобиқат накунанд, онҳо дар асоси санади дахлдор ба мақомоти иҷро баргардонида мешаванд.

27. Фурӯши молу маҳсулоти хӯрокворӣ, ки муҳлати истифодабарии онҳо аз 6 моҳ кам мондааст, аз ҷониби комиссия оид ба хусусигардонии объектҳои молу мулки давлатии назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни баргузории музояда ҳангоми пайдо гардидани харидор бо арзиши на камтар аз 80 дарсади арзиши бозории рӯзи бафурӯшбаровардашудаи ин гуна молу маҳсулот ба амал баровaрда мешавад. Ҳангоми дар муҳлати мазкур амалӣ нагардидани фурӯш, молу маҳсулоти хӯрокворӣ тибқи хулосаи комиссия оид ба хусусигардонии объектҳои молу мулки давлатӣ ба эҳтиёҷоти муассисаҳои иҷтимоӣ (хонаҳои пиронсолону ятимон) ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои масаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи ройгон дода мешавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

28. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани муқаррароти Тартиби мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1423
«1» 07 с.20 26